## ҚОИДАҲО оид ба иштирок дар Викторинаҳои:
**"Армуғони Бештар Бидонед", "Оинаи Таърих" , "Ганҷинаи Порсӣ",**
**"Зарбулмасал", "Сарзамини Ман"**

Қоидаҳо оид ба иштирок дар **Викторина**ҳои "Армуғони Бештар Бидонед", "Оинаи Таърих" , "Ганҷинаи Порсӣ", "Зарбулмасал", "Сарзамини Ман" (минбаъд – "**Викторина**ҳо") аз ҶСП "ВавилонМобайл" ки аз санаи 01 январи 2025 соли дар Минтақаи хизматрасонии Шабакаи алоқаи кандуии Оператори алоқа - ҶСП «Вавилон-Мобайл» (минбаъд - «Оператор»), ки хизматрасониҳои алоқаро таҳти тамғаи тиҷоратии (тамғаи хизматрасонӣ)-и «Babilon-Mobile» мерасонад ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст, ташкил ва баргузор мешавад. Қоидаҳои мазкур барои шахсони воқеие (аз ин пас - "Муштариён") нигаронида шудааст, ки бо ҶСП "Вавилон-Мобайл" Шартнома оид ба хизматрасонии алоқа (аз ин пас - "Шартнома") бастаанд,равона мегардад. Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур мавриди истифода қарор гирифтааст, мутобиқ бо истилоҳотест, ки дар Шартнома ба кор бурда шудааст, агар мавриди дигаре мустақиман дар Қоидаҳои мазкур ишора нагардида бошад.

### Фасли 1. Ташкили Викторинаҳо

**1.1** Викторина аз рӯи обуна амалӣ шуда, барои Муштариён пулакӣ аст.

**1.2.** Ҷоизаҳои **Викторина** фақат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас кар да мешаванд

**1.3. Викторина**ҳо ба Марҳилаҳо ҷудо шудаанд, ки давомнокии ҳар кадоми онҳо 3(се) моҳ аст (аз ин пас – "Марҳилаҳо"). Натиҷаҳои **Викторина** дар муддати **10 (даҳ) рӯз баъд** аз ба охир расидани ҳар як Марҳила мувофиқи Қоидаҳои мазкур ҷамъбаст карда мешаванд. Супоридани ҷоизаҳо пас аз итмоми ҳар як Марҳилаи **Викторина**ҳо дар муддати **40 (чил) рӯзи тақвимӣ** тибқи тартиб ва шартҳои дар Қоидаҳои мазкур муқарраргардида, анҷом мегирад.

### Фасли 2. Иштирокчиёни Викторинаҳо

**2.1.** Дилхоҳ шахси воқеӣ, ки муштариаст, метавонад бо гирифтани USSD - фармоишҳои**:*1005#,*1008#,*1015#, *1016#,*1017#,**Иштирокчии **Викторина**ҳо (минбаъд – "Иштирокчӣ") гардад.

**2.2.** Иштироки кормандон, намояндагон ва аъзои оилаи кормандон ва намояндагони Ташкилкунанда дар **Викторина**ҳо манъ мебошад.

**2.3.** Барои Иштирокчиён ҳангоми ширкат дар **Викторина**ҳо истифодаи воситаҳои зерин манъ мебошад:

- · ҳама гуна таҷҳизот, ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ аст (аз ин пас - "телефони мобилӣ") бо SIM-корти Ташкилкунанда;
- · ҳама гуна воситаҳои барномавӣ, аз ҷумла онҳое, ки рӯи телефон насб шудаанд, ғайр аз воситаҳои барномавие, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики ӯ таҳия ва коркард шудаанд;
- · воситаҳои барномавие, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики ӯ барои иштирок дар **Викторина** таҳия ва коркард шуда, бо ҳама гуна тарзу равиш дигаргун карда шудаанд, аз он ҷумла бо роҳи дахолат ба рамзи барномавӣ;

· ҳама гуна тарзу равишҳо ва воситаҳои дигари автоматикунонии раванди иштирок дар **Викторина**.

**2.4.** Ҳамаи шахсоне, ки ба талабот мувофиқат намекунанд ё худ талаботи бандҳои 2.1-2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, дар **Викторина**ҳо иштирок намекунанд ва наметавонанд барои дарёфти ҷоизаи **Викторина** даъво кунанд. Дар сурати аз ҷониби Ташкилкунанда ошкор намудани чунин шахсон дар ҳама гуна Марҳилаҳои баргузории **Викторина**ҳо, аз он ҷумла ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён, бо мақсади супурдани ҷоизаи **Викторина**ҳо, онҳо аз ҳуқуқи дарёфт намудани ҷоизаи **Викторина**ҳо маҳрум мегарданд. Маблағҳое, ки чунин Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар **Викторина**ҳо сарфу харҷ намудаанд, ҷуброн карда намешавад.

## Фасли 3. Ҷоизаҳои Викторинаҳо

**3.1.** Ҷоизаҳои **Викторина** ҳо баъд аз итмоми ҳар як Марҳила ба Иштирокчие, ки дар дараҷабандии ҷамъбастии Марҳилаи **Викторина**ҳо мақомҳои аввалро(якум,дувум,сеюм) соҳиб шудаанд (аз ин пас – “Дорандаи ҷоиза”), супурда мешаванд.
**3.2.** Ҷоизаҳо тибқи фонди муқарраргардидаи ҷоизавӣ дода мешаванд.

**3.3.** Фонди ҷоизавии ҳар як Марҳила маблағи пулӣ ва трафики интернет мебошад

- Ҷоизаи 1-ум: 1 500 сомонӣ ва 15 000 мегабайт трафики интернет;
- Ҷоизаи 2-вум: 1 000 сомонӣ ва 10 000 мегабайт трафики интернет:
- Ҷоизаи 3-юм: 500 сомонӣ ва 5 000 мегабайт трафики интернет.

Ба ҳар як ғолибе , ки миқдори зиёдтари холҳоро ба даст овардаст.

## Фасли 4. Тартиби баргузории Викторина

**4.1.** Ба Иштирокчиёни **Викторина** ҳар рӯз дар давоми ҳар як Марҳила тариқи паёмакҳои SMS аз рақамҳо кӯтоҳи **1005,1008,1015,1016,1017** барои посух додан 1 савол дар бораи дарефт намудани мавзуъи **Викторина**ҳо ирсол мегардад.Вазифаи Иштирокчиён аз он иборат аст, ки ҳар рӯз ба таври дақиқ ва ҳар чӣ зудтар ба саволҳо посух диҳанд.
**4.2.** Барои иштирок дар **Викторина**ҳо Муштариро зарур аст, ки бо роҳи фиристодани USSD дархостҳо ба рақамҳои хизматрасониҳо **1005,1008, 1015,1016,1017**(минбаъд USSD дархостҳо) обунаро ба расмият дарорад. Агар Муштарӣ барои ба расмият даровардани обуна ба **Викторина**ҳо амалҳои зарурӣ анҷом дода бошад, аммо дар тавозуни суратҳисоби вай дар шабакаи алоқаи барои пардохти он маблағи кофӣ вуҷуд надошта бошад, обуна барои чунин Муштарӣ ба расмият дароварда намешавад (ӯ дар **Викторина**ҳо иштирок намекунад). Ҳангоми дар суратҳисоби чунин Муштарӣ пайдо шудани маблағи зарурӣ барои пардохти обуна, ба Муштарӣ ҷиҳати иштирок дар **Викторина**ҳо омадани саволҳо оғоз мегардад.
**4.3.** Баъд аз ба расмият даровардани обуна аз суратҳисоби Муштарӣ дар шабака бобати иштирок дар Марҳилаи дахлдори **Викторина**нҳо пардохт дар ҳаҷми **1**,20**сомонӣ**(барои ҳар як **Викторина**), бо дарназардошти ҳамаи андозҳо аз ҳисоб бароварда мешавад. Дар сурати кофӣ набудани маблағ дар суратҳисоби Иштирокчӣ барои пардохти рӯзи ояндаи **Викторина**, ӯ дар он иштирок намекунад. Иштироки чунин Муштарӣ дар **Викторина** баъд аз тавассути ӯ пур кардани суратҳисоб ва оғози рӯзи навбатии **Викторина**ҳо ба таври автоматикӣ барқарор

мегардад. Пас аз тавассути Иштирокчӣ пур кардани суратҳисоби худ иштироки ӯдар **Викторина** ба таври худкор барқарор мегардад.

**4.4.** Барои он, ки Иштирокчӣ Дорандаи ҷоиза гардад ва ҷиҳати дарёфти ҷоиза даъво кунад, ӯ бояд ҳар рӯз ба саволи **Викторина** посух диҳад ва ин корро дар камтарин муҳлат анҷом диҳад. Барои интихоби варианти посухи савол Иштирокчӣ дар посух ба SMS-паёмаки омада рақамро бо посухи дуруст мефиристад. Посухи саволи рӯзи Марҳила то ба охир расидани рӯзи дахлдори тақвимӣ (23:59:59 бо вақти маҳаллӣ) пазируфта мешавад.

**4.5.** Дар давраи баргузории **Викторина**ҳо саволҳо ба Иштирокчиён тариқи SMS-паёмакҳо аз рақамҳои кӯтоҳи **1005,1008, 1015,1016,1017** фиристода мешаванд, аз он ҷумла паёмакҳое, ки ба расмият даровардани обунаи **Викторина**ҳоро тасдиқ мекунанд, оиди дархостҳои Муштариён огоҳӣ медиҳанд.

**4.6.** Агар Иштирокчӣ барои идомаи иштирок дар **Викторина**ҳо майлу хоҳиш надошта бошад, барои ӯ кофӣ аст, ки аз обуна даст кашад. Барои ин бояд USSD дархост**:*1005*00#,*1008*00#,*1015*00#,* 1016*00#,*1017*00#** фиристода шавад. Дар ин сурат иштирок дар Марҳилаи **Викторина**ҳо қатъгардида ҳисобида шуда, натиҷаи ҷории Иштирокчӣ аз дараҷабандии **Викторина**ҳо хориҷ карда мешавад.

**4.7. Фармоишҳои Викторинаҳо:**

Обуна барои **Викторина**ҳо: USSD-дархост ба рақамҳои хизматрасонии **1005,1008, 1015,1016,1017**

- **1005,1008,1015,1016,1017** рақамҳои кӯтоҳ барои фиристодани паёмҳои иттилоотӣ;
- рақамҳои ҷавобҳо -посух ба саволҳ;
- **К 100** барои дарёфти рӯйхати бозиҳо;
- **1000** барои огоҳӣ аз имтиёзи худ;
- **2000** барои огоҳӣ аз имтиёзи худ;
- **K EMTIAZ** барои дарёфти миқдориҳолҳо

### Фасли 5. Дараҷабандии Иштирокчиён ва қоидаҳои муайян кардани Дорандагони ҷоизаҳо

**5.1.** Баъд аз итмоми ҳар як рӯзи Марҳилаи **Викторина**ҳо, бо дарназардошти дуруст будани посуххои ҳар як Иштирокчӣ ва вақти сарфшуда тавассути Иштирокчӣ барои посух, дараҷабандии Иштирокчиён тартиб дода мешавад. Баъд аз итмоми ҳар як Марҳила маълумоти дараҷабандиҳои ҳаррӯзаи вобаста ба ҳар як Иштирокчӣ ҷамъ карда мешавад ва дараҷабандии ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад, ки дар асоси он Дорандаи ҷоизаи Марҳилаи **Викторина**ҳо муайян карда мешавад. Бо мақсади тартиб додани дараҷабандии ҳаррӯза Иштирокчиёне, ки ба саволи рӯзи **Викторина**ҳо ҳеҷ гуна посух надодаанд, ҳамчун ашхосе дар назар гирифта мешаванд, ки посухи нодуруст додаанд. Ҳангоми муайян кардани вақти сарфшудаи Иштирокчӣ барои посух дар ҳар як рӯзи алоҳидаи Марҳила, муддати замон аз лаҳзаи посухи аввали Иштирокчӣ ба саволи воридшуда то лаҳзаи посух ба саволи охирини **Викторина**ҳо, дар ин рӯз ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ҳисоб

гирифтани замони посух бо дурустии то як ҳиссаи миллионии сония анҷом мегирад. Ҳангоми тартиб додани дараҷабандии ҷамъбастии Марҳилаи **Викторина**ҳо дар навбати аввал дуруст будани посуххо ба саволҳои **Викторина** ва дар навбати дуюм бошад – суръати посуххо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин ба он маъност, ки Иштирокчие, ки ба саволҳои **Викторина**ҳо дар нимаи аввали рӯз, посухи дуруст додааст, аз Иштирокчие, ки ба саволҳои **Викторина**ҳо дар нимаи дуюми рӯз, посух додааст, дар дараҷабандӣ мақоми болотареро ишғол менамояд. Қабл аз оғози Марҳилаи нави **Викторина**ҳо натиҷаҳои пешинаи ҳамаи Иштирокчиён сифр карда мешавад.

### Фасли 6. Шартҳо ва қоидаҳои дарёфт намудани ҷоизаҳои Викторинаҳо

**6.1.** Баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои ҳар як Марҳилаи **Викторина**ҳо ба Дорандагони ҷоизаҳо SMS-паёмак бо огоҳӣ оиди додани ҷоиза фиристода мешавад ё аз Ташкилкунанда занги телефонӣ ворид мегардад.

**6.2.** Барои дарёфт намудани ҷоизаҳо Дорандагони ҷоизаҳоро зарур аст, ки дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбаст намудани натиҷаҳои Марҳилаи **Викторина**ҳо маълумоти шиносномавии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла маълумот дар бораи қайд, пешниҳод намояд. Иттилоот ва ҳуҷҷатҳои мазкур тавассути Дорандагони ҷоизаҳо ба Ташкилкунанда ба суроғаи почтаи электронии аз ҷониби охирӣ зикршуда яъне: **info@babilon-m.com** пешниҳод мегардад. Агар Дорандагони ҷоизаҳо дар муддати зикршуда ба Ташкилкунанда иттилоот ва ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод накунад, Ташкилкунанда ҳақ дорад оид ба насупурдани Ҷоизаҳо **Викторина**ҳо ба чунин Дорандагони ҷоизаҳо тасмим бигирад.

**6.3.** Иштирокчиёне, ки банди 2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, наметавонанд Дорандаи ҷоиза гарданд. Ҳолатҳои зерин асос барои хулосабарории Ташкилкунанда оид мавҷудияти чунин вайронкорӣ ба ҳисоб меравад:

• тавассути Иштирокчӣ фиристодани посух ба савол дар муддати камтар аз 3 сония;

• қонуниятҳои ошкоршуда дар давраҳои посух ба саволҳо, аз ҷумла тавассути Иштирокчӣ фиристодани посуххо бо фосилаҳои баробари замонӣ ва қонуниятҳои дигар;

• маълумотҳои дигари системаи техникӣ, ки тавассути Ташкилкунанда ва Шарик барои бо ҳуҷҷат асоснок кардани **Викторина**ҳо (логҳо ё дафтарҳои сабт) мавриди истифода қарор мегирад, зимнан маълумотҳои чунин система ниҳоӣ эътироф гардида, наметавонанд аз ҷониби Иштирокчӣ мавриди баҳсу даъво қарор гиранд.

• Дар ин сурат ҷоиза ба он Иштирокчиёни **Викторина**ҳо мегузарад, ки дар дараҷабандии рӯзи дахлдори **Викторина**ҳо нафари баъдӣ мебошад.

**6.4.** Ташкилкунандаи **Викторина**ҳо дар мавридҳои зерин ҳақ дорад аз додани ҷоиза ба Дорандагони ҷоизаҳо даст кашад:

- агар Дорандагони ҷоизаҳо бо Ташкилкунанда бо тарзу равише, ки дар банди 6.2 ва дар муҳлати муқарраршудае, ки дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур зикр шудааст, тамос нагирифта бошад;

- агар Дорандагони ҷоизаҳои **Викторина**ҳо ба Ташкилкунанда иттилоот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, пешниҳод накунад ё иттилооти нодуруст ва/ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод намояд (дар сурате, ки аз тарафи ё Ташкилкунандаи **Викторина**ҳо оиди дуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шакку шубҳае пайдо гардад ва/ё Дорандагони ҷоизаҳо аз шахсан пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ даст кашад
- Агар Дорандагони ҷоизаҳо бо меъёрҳои муайян кардани Иштирокчиёни **Викторина**ҳо, ки дар фасли 2 Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, мутобиқат накунад.
- Агар Дорандагони ҷоизаҳо дар давоми соли 2025

дар **Викторина**ҳо бештар аз 1 бор ғолиб омада бошад.

Дар ҳолатҳои зикршуда ҷоизаҳо ба Иштирокчиёни баъдии дараҷабандӣ мегузаранд.

**6.5.** Дар сурати даст кашидани Дорандагони ҷоизаҳо аз Ҷоизаҳо, дар муддати панҷ рӯз аз лаҳзаи Дорандагони ҷоизаҳо эълон намудани ӯ, вай уҳдадор мегардад, ки дар ин бора дар шакли хаттӣ Ташкилкунандаи **Викторина**ҳоро бо роҳи пешниҳод намудани аризаи хаттӣ оиди даст кашидан аз дарёфти Ҷоизаҳои **Викторина**ҳо ба идораи наздиктарин, ҷиҳати ирсоли баъдӣ ба Ташкилкунанда, огоҳ намояд. Супурдани ҷоизаҳои **Викторина**ҳо ба Дорандагони ҷоизаҳо ё Иштирокчиёни дигари **Викторина**ҳо дар ин сурат анҷом намегирад.

**6.6.** Дорандагони ҷоизаҳо бобати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои андоз вобаста ба дарёфти Ҷоизаҳои **Викторина**ҳо масъулияти мустақилона дорад.

**6.7.** Ҳуқуқи гирифтани мукофот ба ҷои ғолиб дар асоси ваколатнома, мувофиқи тартиби қонунгузорӣ иҷозат дода мешавад.

## Фасли 7. Шартҳои дигар

**7.1.** Муштариёне, ки аввалин USSD дархостҳоро ба рақамҳои хизматрасониҳои **1005,1008,1015,1016,1017** анҷом медиҳад, ризоияти пурра ва бечуну чарои худро бо Қоидаҳои **Викторина**ҳо тасдиқ мекунад, кафолат медиҳанд, ки синнашон ба 18 расидааст, шаҳрвандҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд ва Муштариёни вобаста ба Шартномае мебошад, ки бо Ташкилкунанда бастааст ва ҳамчунин ӯ таҳти меъёрҳои дигари Иштирокчиён, ки дар фасли 2 Қоидаҳои мазкур зикр гардидаанд, қарор мегирад. Тавассути Муштариён фиристодани аввалин USSD-дархостҳо ба рақамҳои хизматрасониҳо **1005,1008,1015,1016,1017** боиси ворид шудани тағйирот ва/ё илова ба Шартнома мегардад, ки Ташкилкунанда онро бо Муштарӣ бастааст.

**7.2.** Қоидаҳои мазкур аз 01 январи соли 2025 эътибор пайдо карда, то лаҳзаи аз тарафи Ташкилкунанда тағйир додан ё қатъ намудани фаъолияти онҳо, амал мекунанд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи зикршуда бо огоҳии дахлдор тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.

**7.3.** Агар Иштирокчиён ба суроғаи Ташкилкунанда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи тағйир ёфтан ва/ё қатъ гардидани шартҳои Қоидаҳои мазкури **Викторина**ҳо тибқи банди 7.2 Қоидаҳои мазкур раддияи пазируфтани тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳоро нафиристода бошад ва ҳамчунин агар амалҳоеро оиди идома додани иштирок дар **Викторина** ҳо, ки тавассути Ташкилкунанда таҳти шартҳои нав баргузор мешавад, анҷом дода бошад, баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳо Иштирокчии пазируфташуда ҳисобида мешаванд.

**7.4.** Ҳангоми ширкат дар **Викторина** ҳо Иштирокчиён оид ба ҳолатҳои зерин ризояти худро изҳор медоранд:

- барои дарёфти реклама дар шакли SMSва USSD-паёмакҳои вобаста ба **Викторина**н ва ҳамчунин ризоят медиҳанд, ки Ташкилкунандаи **Викторина**ҳо ва Шарик ва низ шахсони тавассути онҳо ҷалбшуда бо мақсадҳои баргузории **Викторина**ҳо, байни ҳам мубодилаи иттилоот менамоянд, аз ҷумла иттилоотеро, ки бо ширкат намудани Иштирокчӣ дар **Викторина**ҳо алоқаманд аст, коркард хоҳанд кард (ҳамчунин иттилооте, ки марбути маълумоти шахсии Иштирокчиён ва мундариҷаи USSD-паёмакҳои Иштирокчиён аст);
- дар сурати дарёфт намудани ҷоизаи **Викторина**ҳо ному тасвирҳои онҳо, аз ҷумла аксҳои онҳо, мусоҳибаҳо ва ҳамчунин иттилооте, ки тавассути Иштирокчӣ ба Ташкилкунанда ё Шарик пешниҳод шудааст, метавонанд аз ҷониби Ташкилкунанда бо мақсади огоҳонидани ашхоси сеюм оиди баргузории **Викторина**ҳо бе ризояти иловагии Иштирокчиён ва бе пардохти ягон навъи подош мавриди истифода қарор гиранд.

**7.5.** Зимни иштирок дар **Викторина**ҳо Муштарӣ ҷиҳати тавассути Ташкилкунандаву ва ҳамчунин аз ҷониби шахсони сеюми тавассути Ташкилкунанда ҷалбшуда бо мақсади баргузории **Викторина**ҳо анҷом додани амалҳо оиди ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, пешниҳод намудан ба ашхоси сеюм, коркард ва истифодаи маълумотҳои шахсии чунин Иштирокчӣ барои барқарор намудани тамос бо Иштирокчӣ дар чорчӯбаи **Викторина**ҳо, аз ҷумла тариқи шабакаҳои алоқаи барқӣ ва ҳам канали мубодилаи SMSпаёмакҳо ва почтаи электронӣризояти ихтиёрии худро медиҳад. Анҷом додани чунин амалҳо тавассути Ташкилкунанда, ва ашхоси ҷалбшуда аз онҳо дарёфт намудани ҳар гуна иҷозат аз Иштирокчӣ ва огоҳониданҳои махсуси Иштирокчиро оиди анҷом додани амали зикршуда талаб намекунад. Ин гуна ризояти Иштирокчӣ дар давоми давраи баргузории **Викторина**ҳо ва 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пас аз итмоми он тибқи тасмими Ташкилкунанда ё баъди аз обуна баровардани Иштирокчӣ аз **Викторина**ҳо, амал мекунад. Иштирокчии **Викторина**ҳо ҳақ дорад ризояти худро зимни аз обунаи иштирок дар **Викторина**ҳо баровардани худ тибқи тартиби муқарраршуда бозхонад ё дар ин бора дар огоҳии пешбинишуда дар банди 7.4 Қоидаҳои мазкур ишора намояд.

**7.6.** Ташкилкунанда бобати нуқсон дар кори таҷҳизот ва/ё таъминоти барномавӣ, ки дар доираи масъулияти Ташкилкунанда қарор надорад ва/ё бобати пеш аз мухлат қатъ гардидани **Викторина**ҳо ба сабабҳои ҳолатҳои новобаста аз Ташкилкунанда (ҳолатҳои нерӯи рафънопазир) масъулияте ба зимма надорад.

**7.7.** Ташкилкунанда бобати иҷро накардани уҳдадориҳои худ вобаста ба баргузории **Викторина**ҳо масъулияте ба зимма надоранд, агар чунин иҷро накардан дар натиҷаи нобуд шудани маълумотҳои шахсии Иштирокчӣ ба сабаби бозхондани онҳо аз ҷониби Иштирокчӣ рӯй дода бошад.

**7.8.** Иштирокчиён тамоми хавфҳои тавассути онҳо риоя накардани шартҳои Қоидаҳои мазкурро мустақилона ба зимма доранд. Хароҷоти Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар **Викторина**ҳо барои Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, ҷуброн карда намешавад.

**7.9.** Ташкилкунанда ин ҳақро барои худ маҳфуз медорад, ки аз додани ҷоиза даст кашад, агар Иштирокчии **Викторина**ҳо қоидаҳои **Викторина**ро вайрон карда бошад
ё барои дохил шудан ба рӯйхати довталабон барои унвони
Ғолиби **Викторина**ҳо амалҳои қаллобӣ содир карда бошад.

**7.10.** Ташкилкунанда ҳақ дорад, ки дар ҳолатҳои зерин ширкати Иштирокчӣ дар **Викторина**ҳо ва/ё дарёфти ҷоизаро барои ӯ рад намояд: аз ҷониби Иштирокчӣ вайрон кардани Қоидаҳои мазкур;

**7.11.** Барои Иштирокчиён ҳангоми ширкат намудан дар **Викторина**ҳо истифода бурдани ҳама гуна таҷҳизот, ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ бо SIM-корти (аз ин пас – “телефони мобилӣ”)мебошад, манъ аст.

**7.12.** Тамоми шахсоне, ки бо талабот мувофиқат намекунанд ё талаботи бандҳои Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар **Викторина**ҳо ширкат кунанд ва наметавонанд барои дарёфти ҷоизаҳо **Викторина**ҳо даъво кунанд. Дар сурати тавассути Ташкилкунанда ошкор намудани чунин ашхос дар ҳар гуна Марҳалаҳои **Викторина**ҳо, аз ҷумла ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супурдани ҷоизаҳои **Викторина**ҳо, онҳо аз ҳуқуқи дарёфти Ҷоизаҳои **Викторина**ҳо маҳрум мегарданд.

## Фасли 8. Маҳдудияти масъулияти и алоқаи мобилӣ

**8.1.** Бо фиристодани SMS- паёмак дар чорчӯби **Викторина**ҳо, Иштирокчиён (Муштариён) Операторро уҳдадор менамояд ки барои ба Ташкилкунанда иттилооти шахсии Иштирокчиён (Муштариён) пешниход намояд, яъне: рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шуда буд, насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ (Муштарӣ), матни SMS-паёмак ва ҳамчунин сана ва замони ирсоли он.

**8.2.** Оператор имконияти фиристодани SMSпаёмакро фақат дар чорчӯби минтақаи пӯшиши шабакаи фароҳам меоварад.

## Фасли 9. Эътирозҳо ва муҳлати амалкарди онҳо

**9.1.** Бо мақсади пешгирӣ аз вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, **Викторина**ҳо бо риояти ҷиддии тамоми меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон баргузор мегардад.

**9.2.** Ҳама гуна эътирозҳо оид ба баргузории **Викторина**ҳо ба e- mail: **info@babilon-m.com** фиристода мешавад. Санаи бақайдгирии эътироз санаи дарёфти он ҳисобида мешавад. Иштирокчӣ бояд ба таври муфассал ва возеҳу равшан моҳияти эътирозро баён кунад. Эътироз бояд шомили насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ, рақами телефон барои тамос ва рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шуда буд, мундариҷаи SMS- паёмак, сана ва замони ирсоли SMS-паёмак, суроғаи электронии Иштирокчӣ ҷиҳати ирсоли посух ба Эътирози ӯ бошад.

**9.3** Дар сурати норозӣ будани Иштирокчиён бо дурустии посуххо ба саволҳои **Викторина**ҳо, Иштирокчиён бояд дар шакли хаттӣ эътирозро бо зикр намудани мундариҷаи савол, посухи система, посухи ба назари ӯ дуруст ва истинодҳо ба сарчашмаҳои расмӣ, ки дар онҳо ин посух дар саволи додашуда зикр шудааст, изҳор намояд.

**9.4** Дар сурати аз ҷониби Иштирокчӣ исбот намудани дурустии посухи худ барои Иштирокчӣ ба таври илова **Х хол** ба ҳисоби умумӣ зам карда мешавад.

**9.5** Тамоми эътирозҳо дар давоми 10 рӯз аз санаи дарёфти онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**9.6.** Ташкилкунанда шикоятҳоро бо такя бар Қоидаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**9.7.** Ташкилкунанда бобати вуҷуд надоштани имконияти дарёфти Ҷоизаҳо бо айби Иштирокчии ғолиби **Викторина** масъулияте ба зимма надорад.

**9.8.** Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи чоп шудани онҳо дар сомонаи интернетии Оператор **www.babilon-m.com** эътибор пайдо мекунанд. Муштариён оиди тағйирот ё қатъ гардидани амали Қоидаҳои мазкур бо роҳи нашр намудан дар сомонаи интернетии Оператор **www.babilonm.com** дар муҳлати на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ то эътибор пайдо кардани чунин тағйирот огоҳӣ карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи зикршуда дар огоҳии дахлдор тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд. Агар баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот Муштарӣ ба суроғаи Ташкилкунанда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи нашр гардидани тағйироти Қоидаҳо раддияи пазируфтани Қоидаҳои тағййирёфтаро нафиристода бошад ва ҳамчунин амалҳоеро оиди идома додани иштирок дар **Викторинаҳои "Армуғони Бештар Бидонед", "Оинаи Таърих" , "Ганҷинаи Порсӣ", "Зарбулмасал", "Сарзамини Ман"**, ки тавассути Оператор таҳти шартҳои нав баргузор мешавад, анҷом дода бошад, баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот ин гуна тағйирот ҳамчун пазируфташуда аз ҷониби Муштарӣ ҳисобида мешаванд.